«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
профессор Ибодуллозода А.И.
_______«22» 05 соли 2023

**ХУЛОСАИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ ТОҶИКИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

Диссертатсияи Ализода Наврӯз Алӣ дар мавзуи «**Поэтикаи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз руйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ пешниҳод шудааст. Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ ба анҷом расидааст.

Ализода Наврӯз Алӣ соли 2008 факултети адабиёти Донишгоҳи Кобулро аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти дарӣ хатм карда, аз соли 2014 ба ҳайси аспиранти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ фаъолият намудааст.

Роҳбари илмии аспирант доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Муллоев Абдусамад мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ аз 28.12.2017, қарори №6/9.2 тасдиқ шудааст.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 12 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар дигар маҷмуаҳои илмӣ дарҷ ёфтааст.

Муҳокима ва экспертизаи даври якуми диссертатсияи Н. Ализода дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (08.12.2022, суратҷаласаи №5) баррасӣ ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи шурои олимони факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо иштироки муқарризони холис – номзади илми филология, директори Муассисаи давлатии Пажуҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Аминов Абдуфаттоҳ ва номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Боқиев Ҳамза Олимович муҳокима гардидааст. Аз гузориши аспирант суолу ҷавоб, баромади муқарризони холис ва муҳокимаи диссертатсия

**чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Зарбулмасал ҳам дар адабиёти гуфторӣ ва ҳам адабиёти хаттии мардуми форсизабон аз жанрҳои маъмул ва серистеъмол маҳсуб меёбад. Паҳлуҳои гуногуни он дар ҳавзаҳои гуногуни форсизабонон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Аммо зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон, муқоисаи онҳо бо зарбулмасалҳои форсизабонон ва дар маҷмуъ, хусусиятҳои поэтикии онҳо то имрӯз мавриди таҳқиқу баррасии ҷиддӣ қарор нагирифтааст. Бинобар ин, таҳқиқу баррасӣ ва пажуҳиши мавзуи «**Поэтикаи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон**» аз ҳар ҷиҳат муҳим ва мубрам арзёбӣ мегардад.

Дар диссертатсияи Н. Ализода зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон аз паҳлуҳои гуногун, махсусан истилоҳ ва муродифот, гирдоварӣ, пажуҳиш, хусусиятҳои жанрӣ, мавзуъ, бадеият, вазну қофия ва услубу забон таҳқиқу пажуҳиш шудаанд. Дарвоқеъ, зарбулмасал дар фарҳунгу тамаддуни форсизабонон чун жанри машҳуру маъмуъ буда, ҳам

дар адабиёти гуфторӣ ва ҳам дар адабиёти навиштори истифода вофир дорад.

Дар диссертатсия забулмасалҳои тамоми форсизабонон ба таври муқоиса омӯзиш ва таҳқиқ шудааст, ки он ҷолиби диққат аст. Диссертант бо таҳияи муфассал ва баҳсҳои фарогири илмӣ собит менамояд, ки зарбулмасал жанрест, ки таърихи қадима дошта, бо мухтассоти жанрияш дар каломи нависандагону шоирон ва мардум чун қолаби мушаххаси пурмазмун ва муассир ҷойгоҳи махсус дорад.

Н. Ализода дар диссертатсия ба таҳқиқу баррасии ҷиддии бадеияти зарбулмасалҳо пардохта, санъатҳои бадеӣ – тавсиф, ташбеҳ, истиора, киноя, мувозина, таҷнис, таносуб, талмеҳ, муболиға, муламмаъ, иҳом, тазод, илтифот, ирсоли масал, ҳусни таълил, лаффу нашр, мувозӣ (параллелизм)-ро пайдо намуда, асрори муассирӣ ва таъсирнокии зарбулмасалҳоро кашфу ошкор сохтааст. Диссертант унсурҳои дигари поэтикӣ, аз ҷумла вазну қофия ва мавзуъро дар зарбулмасалҳо мавриди омӯзиш қарор дода, бозёфту натиҷаҳои мушаххаси илмӣ пешниҳод намудааст.

Ҳамин тавр, ҳамаи масъалаҳои таҳқиқ ва таҳлили диссертатсия марбут ба поэтикаи зарбулмасалҳо буда, ин жанрро аз ҳар нигоҳ – гирдоварӣ, нашр, таҳлил, шакл, мазмун, воситаҳои тасвири бадеӣ ва амсоли ин мавриди баррасии илмӣ қарор додааст. Зеро то кунун дар илми фолклоршиносӣ ҷойгоҳи таҳқиқи муфассали баррасии зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон холӣ буд.

**Мақсади асосии таҳқиқ**и диссертатсия пажуҳиши масоили поэтикии зарбулмасалҳои гуфтории даризабонони Афғонистон, аз ҷумла гирдоварӣ, таҳқиқ, мухтассоти жанрӣ, мавзуъ, бадеият, вазн, қофия, забон ва услуб аст.

Диссертант барои расидан ба мақсади таҳқиқи худ вазифаҳои зеринро ҳангоми таълифи диссертатсия пайгирӣ менамояд:

- муайян намудани истилоҳи «зарбулмасал» ва муродифҳои он дар сарчашмаҳо ва дар байни мардум;

- таҳқиқи таърихчаи гирдоварӣ ва нашри зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон;

- баррасии илмии зарбулмасалҳои даризабони Афғонистон аз ҷониби муҳаққиқон;

- таҳқиқи зарбулмасалҳои гуфторӣ ва навишторӣ;

- муайян намудани мавзуъҳои зарбулмасалҳои даризабонон;

- баррасии сохтори зарбулмасалҳо ва воситаҳои тасвири бадеии онҳо;

- таҳқиқи баъзе махсусияти забонии зарбулмасалҳо;

- муқоисаи зарбулмасалҳои ҳамзабононон, яъне шабоҳат ва тафовутҳо ва амсоли инҳо.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии** ин диссертатсия дар асоснок кардани хусусиятҳои жанрию бадеӣ, мавзуиву ғоявӣ, шаклию мундариҷавӣ ва услубию забонии зарбулмасалҳо зоҳир мешавад. Асосҳои методологии таҳқиқот бо усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ, оморӣ, ташреҳӣ, таҳлили бадеӣ, сохторшиносӣ, типологӣ ва дастуру консепсияҳои илмию назарии муҳаққиқони маъруфи фолклоршиносии ватанию хориҷӣ, мисли А.Тейлор, Г.Л.Пермяков, В.Пропп, В.П.Аникин, Р.Амонов, В.Асрорӣ, Б.Тилавов, Н.Шакармамадов, М.Фозилов, А.Деҳхудо, М.Муин, С.Шамисо, А.Қавим, Ҳ.Зулфиқорӣ, Маҳмуд Ҷаъфарӣ, М.Банвол, А.Шуур, П.Форёбӣ, Ҷ.Ховарӣ, Шомуҳаммад Муслеҳ, Нилуфар Ҳошимӣ, Ҷаъфар Маҳмудӣ, Д.Обидов, Ф. Муродов, Р.Раҳмонӣ, Қосимӣ С. ва дигарон асос ёфтааст.

**Нововарии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки дар фолклоршиносӣ бори аввал ба таври муқоиса масоили поэтикии зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон, гирдоварӣ, таҳқиқ, мухтассоти жанрӣ, мавзуъ, бадеият, вазн, қофия, забон ва услуб мавриди омӯзиш, таҳқиқ ва арзёбӣ қарор гирифтааст.

**Арзиши назарии кори диссертатсионӣ** дар он зоҳир мегардад, ки диссертатсия ҳамчун нахустин асари илмӣ дар шинохти масъалаҳои поэтикӣ, назарӣ, бадеӣ ва сохтори зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон, ҳамчунин барои таҳқиқи жанрҳои дигари фолклорӣ низ

муфид хоҳад буд. Дастовардҳои диссертатсия барои ҳалли баъзе масоили назарии забоншиносӣ, адабиётшиносӣ ва ҷомеашиносӣ низ ба кор хоҳад рафт.

**Арзиши амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мешавад, ки маводи диссертатсия метавонад ҳангоми баррасии муштаракоти забон, адабиёт ва фолклори форсизабонон мавриди истифода қарор бигирад. Маводи диссертатсия метавонад барои таълифи рисолаҳои илмии фолклоршиносӣ, адабиётшиносӣ, забоншиносии даризабонони Афғонистон ва ҳамчунин барои тадриси таълими фолклор дар донишгоҳҳо ба кор равад. Ҳамвора, аз маводи рисола ҳангоми таҳлили матнҳои бадеӣ, лаҳҷашиносӣ, ҳусни баён, шарҳи вожаҳои омиёна, дарки баъзе оинҳои мардумӣ, тарҷумаи бадеӣ, матншиносӣ, риштаҳои улуми филологӣ, воситаҳои ахбор дар раванди таълим ва тарбия метавон истифод намуд.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқи илми фолклоршиносӣ ва масоили марбут ба шиносномаи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ мувофиқат менамояд.

Диссертатсия дар доираи мавзуҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таълиф шуда, дар асоси накша марҳила ба марҳила иҷро гардидааст.

Автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф муҳтавои диссертатсияро инъикос менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ дар 6 мақола такризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар маҷмуаҳои дигари илмӣ нашр шудааст:

**а) Мақолаҳо дар маҷаллаҳои такризшаванда:**

1. Ализода, Н. А. Расми хостгорӣ ва арусии сокинони вилояти Қундуз / Н. А. Ализода //Суханшиносӣ (Маҷаллаи илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АМИТ). – Душанбе, 2016. – №3. – С. 132-139.

2. Ализода, Н. А., Муллоев, А. Аҳаммияти фолклор дар зиндагии иҷтимоӣ / Н. А. Ализода, А. Муллоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2017. – №4. – С. 141-146.

3. Ализода, Н. А. Корбурди зарбулмасал дар шимолу шарқи Афғонистон / Н. А. Ализода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2018. – №5. – С. 169-173.

4. Ализода, Н. А. Маъно ва муродифоти зарбулмасал дар фолклори даризабонони Афғонистон / Н. А. Ализода // Суханшиносӣ (Маҷаллаи илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АМИТ). – Душанбе, 2019. – №3. – С. 163-173.

5. Ализода, Н. А. Зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон аз нигоҳи мавзуъ / Н. А. Ализода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2021. – №5. – С. 180-186.

6. Ализода, Н. А. Муқоисаи зарбулмасалҳои ҳамзабонон [Матн] / Н. А. Ализода // Суханшиносӣ (Маҷаллаи илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АМИТ). – Душанбе, 2022. – №1. – С. 156-163.

**а) Мақолаҳо дар маҷмуаҳои дигари илмӣ:**

1. Ализода, Н. А. Гирдоварӣ ва нашри зарбулмасал / Н. А. Ализода // Сарамиёшт (Маҷаллаи Ҳилоли Аҳмари ҶИА). – Кобул, 2020 (1399 ҳ.х.). – №74. – С. 20-26 (Ба хатти форсӣ).

2. Ализода, Н. А. Корбурди жанри зарбулмасал / Н. А. Ализода // Хуросон (Маҷаллаи АУ Афғонистон). – Душанбе, 2022 (1400 ҳ.х.). – №147-148. – С. 170-180 (Ба хатти форсӣ).

3. Ализода Н. А. Аҳамияти фулкулур дар зиндагии иҷтимоӣ // Сарамиёшт (Маҷаллаи Ҳилоли Аҳмари ҶИА). – Кобул, 2019. – № 7. – С. 21-26 (Ба хатти форсӣ).

4. Ализода Н. А. Мавзуи баҳор ва Наврӯз дар зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон / Н. А. Ализода // Пешвои миллат – Пешвои Наврӯз: маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ зери унвони

«Пешвои миллат – Пешвои Наврӯз» бахшида ба ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ. – Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2023. – С.282-284.

5. Ализода Н. А. Аҳаммияти тарбиявӣ ва равонии зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон дар рушди маънавиёти хонандагон ва донишҷӯён / Н. А. Ализода // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Усулҳои таълими инноватсионӣ ҳамчун воситаи рушди зеҳнии хонандагону донишҷӯён». – Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2023. – С. 250-255.

6. Ализода Н. А. Зарбулмасал ҳамчун пайванди фарҳанги халқ дар Афғонистон / Н. А. Ализода // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи байналмилаӣ зери унвони «Робитаҳои адабӣ аз таърихи пайвандҳои халқҳои тоҷик ва узбек». – Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2023. – С. 230-235.

Хулоса, шурои олимони факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ кори диссертатсионии Ализода Наврӯз Алиро таҳқиқи илмии ба анҷомрасида, комил ва муҳимми илмӣ меҳисобад. Диссертатсия ва автореферати Ализода Наврӯз Алий дар мавзуи «**Поэтикаи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ ба талаботи бандҳои 31-35-и тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат дошта, шурои олимон дар асоси тақризҳои мусбат ва баромади муқарризони холис – номазади илми филология, директори Муассисаи давлатии Пажуҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Аминов Абдуфаттоҳ ва номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Боқиев Ҳамза Олимович онро барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илми номзади илми филология ба шурои диссертатсионии дахлдор пешниҳод менамояд.

Хулоса дар ҷаласаи васеи шурои олимони факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: 13 нафар аъзои шурои олимон.

Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» 13 нафар, «зид» – нест. «бетараф» – нест, қарори №10, аз 19.05.2023

**Раиси шурои олимон:**
номзади илми филология, дотсент Мирзоалиева А.Ш.

**Муқаризони холис:**
номазади илми филология, директори
Муассисаи давлатии Пажуҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии
фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон Аминов А.Ҳ.

номзади илми филология, дотсент,
мудири кафедраи забон ва адабиёти
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ Боқиев Ҳ.О.

Котиби илмии шуро, дотсент Раҳмонов Б.

Имзои доктори илми филология Аминов А.Ҳ.-ро тасдиқ менамоям.
Нозири кадри Пажуҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии
фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон Холиқова М.
«___» майи соли 2023

Имзоҳои А.Ш.Мирзоалиева, Ҳ.О.Боқиев ва Б.Раҳмоновро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи С.Айнӣ Мустафозода А.
«___» майи соли 2023